# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ Файзализода Ҷумахон Хол ба кори диссертатсионии Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули фаъолникии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (дар мисоли Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Муҳимтарин ҷанбаи мустақилияти инсон фаъолнокии маърифатии ӯст, ки таҳти таъсири бисёр омилҳо ва қабл аз ҳама, таҳти таъсири машғулиятҳо дар муассисаи таҳсилоти олӣ ташаккул меёбад. Дар шароити кунунӣ ҷомеа ба рушди салоҳиятнокии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд – МТОК) талаботи барзиёду баландтар матраҳ менамоянд. Интизор меравад, ки хатмкунандагони МТОК на танҳо ба иҷрои шаклҳои алоҳидаи кори мустақилона, балки ба амалисозии фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ дар раванди таҳсилоти муттасил қодир бошанд.

Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки донишҷӯёни МТОК дар муайян кардани мақсадҳои фаъолнокии мустақилонаи маърифатии худ, дар банақшагирии амалҳои худ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ ба душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Онҳо дар ин кор равишҳо ва шаклҳои хеле маҳдуди амалишавии фаъолнокии мустақилонаи маърифатиро истифода менамоянд.

Дар ин робита, посух додан ба саволҳои оид ба вижагиҳои талаботи муосир ба рушди фаъолнокии маърифатӣ дар МТОК, чигунагии усулҳои рушд додани он дар донишомӯзони кунунӣ ва дар асоси он ҷой додани кадом муҳтаво дар марҳилаҳои гуногуни таҳсилот аз аҳамият бархӯрдор буда, аз ин лиҳоз, аз муҳим будани мавзӯи тахқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна далолат мекунад. Интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи довталаби дараҷаи

илмӣ дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, таҳқиқоти мубрам будани онро собит месозад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст. Бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бо ҳам алоқаманд буда, пайдарҳам ифода шудаанд. Мақсад фаҳмо ва дуруст ироа шуда, вазифаҳои кори таҳқиқотӣ ба ҳадафҳо мутобиқанд. Арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва асосҳои методологии он дуруст муайян карда шудаанд. Натоиҷи илмӣ, хулоса ва тавсияҳо дар нашрияҳои тақризшаванда инъикоси хешро ёфтаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия аз тарафи муҳаққиқ дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, зарурати таҳқиқу баррасии муаммои мавриди назар, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқот, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Асосҳои назариявию методологӣ ва вижагиҳои педагогии машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва нақши онҳо дар ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён» унвон дорад, зарурат ва аҳамияти ҷорӣ намудани фанни таҳсилоти «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов, методология ва вижагиҳои педагогии таълими сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки унвонҷуй дар оғози боб тавсифоти моҳияти мафҳумҳои «фаъолнокии маърифатӣ», «рушди фаъолнокии маърифатӣ», «шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатӣ», зуҳуроти асосии фаъолнокии маърифатиро ошкор ва шаҳру тавзеҳ кардааст. Баъди анҷом додани таҳлили амалисозии лоиҳаҳо дар соҳаи варзиши оммавӣ ба хулоса омадаст, ки имрӯз варзиши оммавӣ дар Тоҷикистон дар ҳолати номуайянӣ қарор дорад ва ба он як силсила

ихтилофҳои ҷиддӣ хос мебошанд. Ихтилофоти номбурда бо шароити гуногуни рушди варзиши оммавӣ дар собиқ ИҶШС ва замони ҳозира вобаста мебошанд. Вобаста ба ин муаллифи диссертатсия таъкиди хубу одилонае кардааст, ки дар айни замон пойгоҳи зарурии моддӣ ва ройгон будани машғулият ба варзиш онро дар пеши назари аҳолӣ ҷолиб ҷилва медиҳад.

Бо назардошти нақши назаррас ва моҳияти муҳими муаммои таҳқиқшаванда муаллиф дар диссертатсия дуруст қайд мекунад, ки таҳлил, таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш яке аз вазифаҳои умдаи илмӣ – таҳқиқотие мебошад, ки бевосита ба муассисаҳои таълимии самти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш рабт дорад.

Дар натиҷаи омӯзиши асосҳои илмӣ – назариявии кор бо донишҷӯёни факултетҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон муаллиф имкон пайдо намудааст, ки мавқеъ ва нақши машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро дар ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён муайян карда, хулосаҳои асоснок ва муҳим коркард ва ироа кунад.

Шароити педагогие, ки унвонҷӯй дар боби аввали диссертатсия ба сифати ҷузъи калидии низоми педагогӣ пешниҳод намудааст, дар воқеъ инъикоси умумитарин талаботи ба ташкили раванди таҳсилот пешниҳодшаванда дар соҳаи сотсиологияи варзиш ва ташаккули фаъолнокии маърифатӣ дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мебошанд. Онҳо ба дараҷаҳои гуногун дар ҳамаи муҳтаво ва сохтори амсилаҳои аз тарафи муаллифи таҳқиқот пешниҳодгардида, ки ҳадафи онҳо мусоидат ба амалисозии муваффақонаи шароити педагогии дар ҷараёни таҳқиқоти ҳозир коркардашуда инъикос ёфтааст, бо самаранокии ҳадди аксари корбасти воситаҳои сотсиологияи варзиш ва ташаккули фаъолнокии маърифатиро

дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш имконпазир месозад.

Хулоса, дар ин боби таҳқиқот унвонҷӯ дар асоси таҳлили теъдоди васеи адабиётҳои педагогию психологӣ доир ба асосҳои методологӣ ва назариявии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тибқи дидгоҳи муосири илмӣ имкон пайдо кардааст, ки моҳияту хусусиятҳои раванд ва шароитҳои ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯёнро дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун масъалаи мубрами психологию педагогии замони муосир муайян ва муаррифӣ кунад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз тарафи Давлятбоева Сарвиноз оид ба ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявии марбут ба доираи муаммоҳои таҳқиқот омӯзишу таҳлилҳои амиқи назариявӣ анҷом дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсияи илмӣ, ки «Таҳқиқоти таҷрибавии шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов» ном дорад, масъалаҳои таъмини омодагии омӯзгор ба ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, самти ташкили раванди таълим тибқи амсилаи тадриси таълими «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», инчунин кори таҷрибавию озмоишии дахлдор роҳандозӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, муаллиф саъй намудааст, ки яке аз шароитҳои калидии баргузории таҷрибаро дар сатҳи сифати баланд анҷом диҳад. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи довталаб мақсаднокии истифодаи амсилаи озмоишӣ ва шароити педагогии пешниҳоднамудаи муҳақиқро ҳангоми ташкили раванди таълим оид ба сотсиологияи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ба сифати омилҳои муҳими баланд бардоштани дараҷаи сифати таҳсилоти умумӣ дар соҳаи таҳқиқшаванда тасдиқ менамояд.

Таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифи кори диссертатсионӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар рушди фаъолнокии маърифатӣ нақши вижа ба омӯзгорон таалуқ дорад ва онҳо раванди мазкурро созмон медиҳанд. Дар ҷараёни пажӯҳиш собит карда шудааст, ки самтҳои нави омӯзиши масъалаи мавриди таҳқиқ қарордодашуда, яъне омӯзиши вижагиҳои рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён, хусусиятҳои омодасозии омӯзгорон барои рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён ва имкониятҳои мусоидати падару модарон ба донишҷӯён дар рушди фаъолнокии маърифатии онҳо аз ҳама асосӣ маҳсуб меёбад.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назариявӣ ва эмперикии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуқтаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳилаҳои асосии тадқиқот ва таҷрибаи амалии муаллиф мутобиқ таъмин гардидааст.

Аҳамияти назариявии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти асоснокии назария ва рушди ғояи масъала, муқарар намудани моҳияти усул воситаҳои ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш саҳми муайян мегузорад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки:

- методҳои омӯзиши муназзами дастовардҳо ва проблемаҳои донишҷӯён дар ҳалли масъалаҳои амалисозии фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши муассисаҳои таълимии тарбияи ҷисмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва тасвиб гардидааст, ки он имкон медиҳад ба донишомӯзон ёрии амалӣ дар рушди фаъолнокии маърифатии онҳо расонида шавад;

- маҷмӯи вазифаҳои махсус тарроҳишудаи амалисозии фаъолнокии мустақилонаи маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи

тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов коркард ва амалӣ гардидааст, ки имкони таъсиррасонии ҳадафмандонаро ба рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён фароҳам менамояд;

- усулҳо ва шаклҳои фарогирии донишҷӯён ба фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши муассисаҳои таълимии тарбияи ҷисмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҳалли масъалаҳои таълимию маърифатӣ ва таълимию амалии фаъолнокӣ пешниҳод карда шудааст;

- барномаи омодагии омӯзгорон ва падару модарон ҷиҳати рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар шароити кунунӣ таҳия ва тасвиб гардидааст.

Унвонҷӯ тавонистааст, ки тибқи шиносномаи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дастгоҳи умумии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи таҳқиқоти диссертатсионӣ, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос намояд.

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густариш ёфта, мантиқи ифодаи маводи назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмперикиро муайян кардааст ва он ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пойгоҳи коркарди консепсияи педагогии муаллиф қарор дода шудааст, имконият фароҳам месозад.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсияҳои мушаххас ва боэътимод оид ба роҳу усулҳои ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ироа гардидаанд.

Натиҷагириҳои унвонҷӯ аз он дарк меднханд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар раванди татбики технологияи ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода дар ихтиёр дорад ва он метавонад дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии сифати таълим ва ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш саҳми арзишманд гузорад.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси таҳлили назариявии натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ ва муқоисаи онҳо бо маълумоти муҳаққиқони дигар консепсияи мушаххас вобаста ба ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро таҳия кардааст, шароит ва омилҳои самаранокии сифати таълим ва ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро ошкор ва муайян кардааст, натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст карда, тавсияҳои аз лиҳози илмӣ боэътимодро оид ба ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба таври мушаххас коркард кардааст, ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқотро дар семинару конференсияҳои илмӣ-назариявӣ аз тариқи маърӯза муаррифӣ кардааст.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои дар диссертатсия мавҷуда:**

Дар баробари мавҷудияти натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи диссертатсияро бозгӯ мекунанд, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам мукаммалтар шудани сифат ва мазмуну муҳтавои диссертатсия мусоидат хоҳанд кард:

1. Мувофиқи мақсад мебуд, агар дар диссертатсия як силсила мавзӯъҳои намунавӣ оид ба ташаккули фаъолнокии маърифатии

донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба таври мушаххас коркард ва пешниҳод мегардид.

2. Хуб мешуд, агар довталаб боз ҳам бештар ва батафсилтар оид ба сабаб ва ҳадафҳои дар чорчӯбаи омӯзиши фанни сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш махз ба роҳ мондан ва ташаккул додани фаъолнокии маърифатии донишҷӯёни Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов истода мегузашт ва дар ин ҷода пешниҳодва тавсияҳои илмӣ манзур мекард.

3. Дар матни диссертатсия ғалатҳои мантиқӣ, услубӣ ва техникӣ дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати он мусоидат менамоянд.

Нуктаҳои баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро халалдор намесозанд.

**Хулоса.** Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи диссертатсия басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудаанд, аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Хулоса, муаллиф ҳадафҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо пурра ҳаллу фасл кардааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асоснок мӯътамад буда, мундариҷаи диссертатсия мутобиқ ба назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби таҳқиқотӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия ба рушди назария ва амалияи илми педагогика мусоидат карда метавонанд. Мазмуну мухтавои автореферати диссертатсия бо мундариҷаи диссертатсия мувофиқати комил дошта, 12 номгӯй интишороти муаллиф низ дар маҷмӯъ мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос мекунанд, ки 7 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд.

Аз ҷиҳати моҳият ва мазмун диссертатсияи Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна ба шиносномаи ихтисоси 13..00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (дар мисоли Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов)» кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 и 16 «Низомномаи намунавӣ оид ба тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» - и КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, к ибо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шоиста аст.

**Муқаррizи расмӣ:**

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи психология ва сотсиологияи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷ.Х
31.05.2021

734003, ҶТ, ш.Душанбе, к.Саид Носир, 33.
Тел.: (37) 224-17-86 Email:info@apa.tj

Имзои Файзализода Ҷумахон Холро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қувватзода С.З.